АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ

# ТАВСИЯНОМА

## РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲОСИЛНОКИИ БОҒҲОИ ДАРАХТОНИ МЕВАДИҲАНДА



*Душанбе, 2025*

***Муаллифон:***
***Назиров Ҳ.Н. - доктори илмҳои кишоварзӣ***
***Камолов Н. - номзади илмҳои кишоварзӣ***
***Фозилов Ҷ.Д. - ходими калони илмӣ***
***Шарипов Ш.И. - ходими калони илмӣ***

***Муҳаррири техникӣ:*** ***Шарипов Ш.И.*** *- ходими калони илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ*

*Бо қарори Шӯрои методию таълимии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, протоколи №4 аз 28.10.2024 сол ба чоп тавсия гардидааст.*

*Дар тавсияномаи мазкур маълумотҳои муфид оид ба ивазкунии боғҳо,гузаштан ба бунёди боғҳои серҳосил, ҳифзи боғҳо аз касалию зараррасонҳо тартиб дода шудааст. Тавсиянома барои донишҷӯён, магистрон, боғдорон хоҷагидорону фермерон ва мутахассисони соҳа пешниҳод карда мешавад. 14 саҳифа.*

## *Сарсухан*

Дар айни замон самти фаъолияти истеҳсолии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ кишоварзӣ мебошад, ки боғдорӣ, сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ ва чорводорӣ ҷузъҳои асосианд.

Шароити хоку иқлими минтақа барои парвариши навъҳои тирамоҳию зимистонаи дарахтони тухмакдор – себу нок; чормағзиҳо – чормағз ва донакдорон – олу-болу мувофиқ аст.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба 1-уми январи соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ майдони боғ ба 170090,1 гектар расонида шуд. Аз ин миқдор 137247 гектар боғ ҳосилдиҳандаро ташкил медиҳад.

Дар ҷумҳурӣ ба 01.01.2025 мева 823 050 ҳазор тонна истеҳсол шуда, ҳосилнокии онҳо соли 2024 дар сатҳи ҷумҳурӣ мевагиҳо 59,7 с/га-ро ташкил медиҳад.

Дар раванди омӯзиши як қатор майдонҳои боғи ин минтақа нишон дод, ки сабаби паст шудани ҳосилнокии боғоти себу нок ин гузаштани муҳлати истифодабарии дарахтони боғҳо, аз ҳисоби дарахтони хушкшуда сирак шудани боғҳо, сари вақт нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ (шохабурӣ, ғизодиҳӣ, риоя ва сари вақт нагузаронидани чорабиниҳо бар зидди касалию зараррасонҳо) мебошад.

Аз ин рӯ ба кишоварзон, боғпарварони минтақа тавсия карда мешавад, ки бо маслиҳатҳои зерин диққати ҷидди диҳанд, то ки ҳосилнокии боғоти парвариш мекардагиашонро баланд бардоранд ва аз ин ҳисоб самараи калони иқтисодӣ ба даст оваранд.

### *Ивазкунии боғҳо*

Давра ба давра иваз кардани боғҳои куҳна ба боғҳои нав яке аз усулҳои баланд бардоштани самаранокии боғот мебошад. Аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шудааст, ки вобаста аз истифодаи тагпайвандҳо муҳлати истифодабарии дарахтон чунинанд: барои дарахтони дар решаи аз тухми сабзонидашуда 35-40 сол, дарахтони дар решаҳои нашвӣ миёнақад ММ-106 сабзонида шуда 20-25 сол ва дар решаҳои нашвии қадпаст – М - 9 15-18 сол мебошанд.

Пас аз гузаштани чунин муҳлатҳо қобилияти ҷабандагии решаҳо паст мегардад, дигар реша қисми рӯизаминии дарахтро бо меводҳои зарури барои гузаштани фотосинтез таъмин карда наметавонад, ки ин сабаби пастшавии ҳосилнокӣ ва самаранокии дарахтон мегардад. Чуноне ки аллома Умари Хайём фармудаанд:

Зи пирӣ наъши навҷавонӣ маҷмуй,
К – оби рафата наояд ба ҷӯй.
Чун заъфро расид вақти дарав,
Нахиромад ҳамчун сабзаи нав.

Бояд қайд кард, ки мо на танҳо худи боғҳоро иваз кунем, балки вобаста аз талаботи бозор ва мутобиқати навъҳо ба шароити маҳал онҳоро низ давра ба давра иваз карданамон зарур аст.

Дар давраи иваз кардани боғҳо, майдони боғи решаканшуда на кам аз се сол бояд кишти дигар зироатҳо ба ғайр аз намояндаи оилаи авранҷиҳо (картошка , помидор, боимҷон ва ғайра) кишт карда шавад. Аз ҳама беҳтараш зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёгиҳо кишт кардан манфиатноктар аст.

### *Гузаштан ба бунёди боғҳои серҳосил (интенсивӣ)*.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ бунёди боғҳои типпи нави серҳосил (интенсивӣ) роҳандози шуда истодааст. Бо ин

технология дар ҳар як гектар аз 1,0 то 3,5 ҳазор бех ниҳол ҷойгир карда мешавад ва ҳосилнокии чунин боғҳо аз 300 то 700 сентнер гектарро ташкил медиҳад.

Дар шароити имрӯза навъҳои зерини себ: «Айдаред», «Голден делишес», «Ренет Симиренко», «Гала», «Грани Смит», «Фуджи», «Флорина», «Красние», «Бере берн», «Джона голд», «Ред ҷиф», «Морген дуфт», «Пинова», «Грин Стар», «Модӣ» ва гайраро парвариш карда истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки навъҳои «Голден» ва «Ренет Симиренко» ба шароити ҷумҳурии мо мувофиқ буда ноҳиябандӣ шудаанд. Навъи «Флорина» чун навъи дурнамо дар коллексияи Институти боғпарварию сабзавоткории АИКТ (ноҳияи Шаҳринав) интихоб гардида буд.

Ҳангоми интихоби навъҳо барои ҳар навъи асосии боғи бунёдшаванда на кам аз 10% навъҳои гардолукунандаро ҷойгир намудан лозим аст. Аз он ҷумла, барои навъи «Ренет Симиренко» - навъи «Красние», барои навъи «Голден» - навъҳои «Айдаред»; «Гала» - «Грани Смит»; «Фуджи» - «Красние», барои навъи «Флорина» навъи «Грани Смит» тавсия карда мешавад.

Навъҳои гардолудкунандаро қатори дар китъаҳои навъашон якхела баъди ҳар ниҳоли 10-ум бояд ҷойгир намуд.

Дар мавриди дар қитъаҳои алоҳида шинонидан, онҳоро бо такрорёбии гуногун, аз як то чор қатор, дар байни қаторҳои навъҳои асосӣ ҷойгир мекунанд.

***Вобаста аз шароити обу ҳавои маҳал, бо дуруст интихоб намудани авлоди дарахтони мевадиҳанда ва қитъаи замин бояд диққат дод.***

Авлоди дарахтони мевадиҳандаро вобаста аз мутобиқаташон ба шароити маҳал ва дараҷаи самараи иқтисодии он дар маҳал ба ду гурӯҳ: аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа ҷудо мекунанд.

Ба гурӯҳи якум ҳамон дарахтони мевагие дохил мешаванд, ки аҳамияти содиротӣ доранд.

Гурӯҳи дуюм бошад барои талаботи оила ва маҳал парвариш карда мешаванд. Мисол барои ноҳияҳои минтақаи Рашт асосан себ, нок, баъдан чормағз ва олу – болу (олучабандак) барои содирот ба бозори дохилию берунӣ тавсия карда мешаванд. Дигар ҷинси меваҷот барои таъмини ойла ва маҳал бояд  парвариш карда шаванд.

Таркиби хок ва сатҳи ҷойгиршавии обҳои зеризамини ҳангоми интихоби қитъаи замин ба инобат гирифта шавад. Сатҳи обҳои зеризаминӣ аз 2 м баланд набошад.

***Вобаста ба обу иқлими маҳал, самти таъиноти маҳсулоти истеҳсолшаванда  ва талаботи бозор дуруст интихоб намудани навъҳои дарахтони мевадиҳанда.***

Бо назардошти хусусиятҳои биологию – хоҷагии навъҳо, бояд боғҳои аҳамияти молӣ (содиротӣ) дошта дар асоси низомӣ илман асоснок аз ҳисоби навъҳои ноҳиябандишуда ва дурнамо бунёд карда шаванд. Таносуби ин навъҳо 80-85 ба 15-20% бояд бошад.

Набояд фаромуш кард, ки дар вақти бунёд кардани боғ барои гардолудшавии дарахтони навъи асоси ва баланд бардоштани ҳосилноки 15-20% навъҳои гардолудкунандаро шинондан лозим аст. Яъне ҳар қатор ё дарахти 5-6 ум навъи гардолудкунанда бояд шинонида шавад. Чунки қобилияти аз худ гардолудшавии аксарияти навъҳо паст аст, бинобар ин онҳо ба аз четгардолудшави ниёзи калон доранд.

***Ҳангоми дастрас намудани ниҳол барои бунёди боғ ба сифати он ва пеш аз ҳама ба решаи он диққат додан лозим аст.***

Дар навбати аввал шаҳодатномаи навъи, маълумотномаи карантин ва инчунин сертификати молӣ талаб кардан лозим аст.

Дуюм решаи ниҳолро ба инобат гиранд, чунки муҳлати истифодабарии боғ, шакли боғи бунёдшаванда, нақшаи ҷойгиркунии ниҳолҳо, талаботи дарахтон ба хоку об ва ғайра аз решаи ниҳол вобастагии калон дорад.

Нодуруст аз як маҳал ба маҳали дигар интиқол намудан ва муваққатан нигоҳдории ниҳол, яке аз сабабҳои сабзиши пасти ниҳолҳо ва ё суст афзоиш кардани онҳо пас аз шинондан дар замин мебошад. Чунки решаи шамолхурда қисми зиёди оби баданашро гум мекунад, аксарияти муякрешаҳо хушк мешаванд. Дар 1мм$^2$ реша то 300 муякреша мавҷуд аст ва дар сурати нигоҳ доштани намӣ онҳо то 10 рӯз қобилияти ҷабиш худро нигоҳ медоранд.

Бояд ҳангоми интиқоли ниҳолҳо решаи онҳо ба матоъҳои гуногун печонида маҳкам карда шавад. Агар дар нақлиёти болояш кушода бошад, болои он бо пардаи полиэтиленӣ ё брезентӣ пурра маҳкам карда шавад то, ки ба ниҳолҳо шамол таъсир накунад. Вақто, ки ниҳолҳоро ба ҷои даркори расондан, дер накарда дар замин қабат-қабат як дона як дона гузошта то гарданаки реша зери хоки нарми намнок кардан зарур аст. Ба намнокии хок нигоҳ накарда бо миқдори зарури ба қисми зери хок будаи решаҳо об пошидан манфиатнок мебошад. Аз пайдо шудани намнокии муносиб ниҳолҳо метавонанд норасоии оби танаашонро барқарор кунанд. Дар мавриди бо қабати ғафс ё бандча – бандча зери хок кардан, байни ниҳолҳо ковок монда ҳавои зиёд медарояд, ки боиси пайдоиши мағор, пӯсиш ва хушкшавии реша мегардад.

Агар ҳангоми интиқол додан ниҳолҳо бо сабабҳои гуногун (дер дар ҳавои кушод гузоштан, шамол хурдан ва ғайра) оби танаашонро гум карда дар пӯсташон оҷинг мушоҳида шавад, ҳатман решаашонро на кам аз 2-рӯз дар оби равон ё ҳавзи обаш тоза нигоҳ доред то, ки тарангии пусти (тургори) худро барқарор кунанд.

***Шаклдиҳӣ ва шохабурии мунтазами (ҳарсолаи) дарахтони мевадиҳанда.***

Ин чорабинии агротехникие мебошад, ки сари вақт гузаронидани он ба давомоти муҳлати истифодабарӣ, самаранокӣ ва сифати маҳсулоти боғу токзор таъсири мусбӣ мерасонад. Ин амалро пас аз шинонидани ниҳолҳо сар карда, шаклдиҳиро вобаста аз шакли интихобкардаи шохсор то 6-7 солагӣ ва шохабуриро то решакан кардани боғу токзор дар вақташ ҳар сол гузаронидан зарур аст. Дуруст буридани шоху навдаҳои касал, шикаста ва зиёдати ба ҳаворасии шохсор, солимии дарахт, гирифтани ҳосили дилхоҳ, баландшавии сифати мева мусоидат мекунад. Оиди аҳамияти ин масъала яке аз бузургони асри XIII – Афзалиддини Ҳоқонии Ширвонӣ чунин фармудааст, ки имрӯз ҳам дар бунёд намудани боғ аҳамияти калон дорад.

Акнун, ки боду боғ заношавҳари кунад,
Аз нутфаҳо зи бод шавад бордор боғ.

***Таъмини намнокии хок дар богот масъалаи мубрами рӯз дар боғдорӣ гаштааст.***

Набояд фаромуш кард, ки дарахтони мевадиҳанда ба намбардории 60-75% ё ин ки намнокии 15-25 %-и хок эҳтиёҷи калон доранд. Барои ташаккулёбӣ ва ҳосилбандии муғҷаҳои солими гулӣ (асоси мева) ғизои бой лозим аст, ки онро дарахт танҳо дар ҳолати намнокии 15-25% муътадил аз хок ҷабида гирифта метавонад. Ҳоло он, ки дар шароити минтақаи Рашт муғҷаҳои гулию нашвӣ вобаста аз ҷинсу навъи дарахтон аз охирҳои моҳҳои май ва моҳҳои июн пайдо  шуда то давраи гулшукуфи 8-9 моҳ  ташаккул меёбанд.

Норасогии нами хок, хусусан дар нимаи дуюми тобистон ва аввали тирамоҳ, ки дар боғҳо дида мешавад сабаби вайроншавии раванди инкишофи муғҷаҳо гашта дар натиҷа муғҷаҳои гулии ҷанин ё гардашон носолим пайдо мешавад. Ин

дар анҷоми гулшукуфи ба камҳосили ва пайдошавии ғуракҳои носолим оварда мерасонад.

Аз тарафи дигар норасоии намӣ дар хок бо тез хазоншавии барги дарахтон, каҷукилебию камобии меваҳо, хушкшавии онҳо ва ғайра оварда мерасонад, ки ҳамаи ин дар маҷмӯъ самаранокии боғотро паст мекунад.

Аҷибаш он аст, ки захираи бойи об дорему лекин боғотамон лабташнаанд. Ҷуноне, ки дар мақоли халқи омадааст.

Об дар кӯзаю мо ташнаталабон мегардем,
Ёр дар хонаю мо гирди ҷаҳон мегандем

Бинобар ин барои пешгири намудани ин омилҳо чунин тавсия дода мешавад. Пеш аз ҳама ба сари вақт ва сифати баланд анҷом додани коркарди замини байни қаторҳою атрофи дарахтон аҳамият дода шавад. Ин чорабини дар заминҳои лалмӣ ва шартан оёришаванда зарурияти дучандон пайдо мекунад, зеро ки аз охири моҳи май то аввали ноябр аксарияти солҳо боришот нашуда ва захираи нам дар хок хело кам мегардад. Аз тирамоҳ шудгор кардани байни қаторҳо ва побел кардани атрофи бехи дарахтон дар қатор барои ворид ва захира шудани нами табии аз ҳисоби барфу борон хело мусоидат мекунад. Чорабиниҳои нигоҳ доштани нами захирашуда дар хок аз ҷумла пай дар пай нарм кардани хок дар давраи нашъу нумуи дарахтон (шудгор, сихмола ва молакуни бо воситаи механизмҳо ё дасти) ва рӯйпушкунии хок бо ашёҳои гуногун ба ҳисоб меравaнд. Дар боғҳо ва қитъаҳои наздиҳавлигӣ, ки имконияти обтаъминкунӣ доранд дар фасли зимистон ҳатман яхобмонӣ ва обмонӣ захиракунии нам (моҳҳои декабр-апрел) гузаронида шавад. Вобаста аз шароити таъмини сарчашмаҳои обёрикунанда ва миқдори нами табии 1-2 маротиба бо меъёри 1200-1500 м$^3$ дар як гектар яхоб мондан зарур аст. Усули асоси ин ба ҷӯякҳо об мондан мебошад. Ҷӯяки

якум 60-90 см аз танаи дарахтон ва ҷӯякҳои боқимондаҳо 100 см аз якдигар дуртар кашида мешаванд. Ба релефи замин нигоҳ карда дарозии ҷӯякҳо аз 30 то 100 м бояд бошад. Обро ба миқдоре бояд сарф кард, ки ҳамин масофаро дар муҳлати 2-3 рӯз то охири ҷӯяк расад, то ки қабати 2- метраи хок намнок гардад.

Дар боғҳои лалмӣ аз охири тирамоҳ атрофии бехи дарахтонро ҳавз карда ба он чанд маротиба барфро ҷамъ ва шиба карда ба болояш як қабат хок пӯшондан ниҳоят манфиат дорад, зеро ки барфи зери хок хобондашуда оҳиста – оҳиста об шуда ба қабати чуқурии хок ворид мешавад. Ва дар давраи зарурии тобистон дарахтон аз нам таъмин мешаванд.

Дар минтақаҳое, ки барф кам меборад аз ҳар тарафи мувофиқ ҷӯйбор кашида оби боронро ба бехи дарахтону буттаҳо ҷамъ кардан зарур аст. Пас аз қатъгардии мавсими боришот хоки атрофи бехи дарахтонро майда карда пас бо маводҳои гуногун (коҳи пусида, аррамайда, тол, пардаҳои полиэтиленӣ) рӯйпуш кардан лозим аст. Ин амал нами хоки қабати решаи дарахтонро дурру дароз нигоҳ медорад. Инчунин ба сабзиши алафҳои бегона монеъгӣ мекунад.

***Таъмини дарахтони мевадиҳанда ва ток бо ғизои муътадил омили баланд шудани ҳосилноки ва сифати меваи онҳо мегардад.***

Ба дарахтон вобаста аз таркиби  хок, намуди боғ, сину соли дарахтон, ҳолати кунунии онҳо ва ҳосилнокии интизорӣ, меъёри ғизодиҳи муайян карда мешавад. Бо мақсади сарфа кардани миқдори нуриҳои маъданӣ метавонед аз усулҳои бо тариқи нӯқтагӣ ё тасмагӣ дар ҷуқурии 30-40 см додани ғизо истифода баред. Пеш аз бунёди боғ ва дар давоми истифодабарии боғ хуб мешуд, ки дар 3-5 сол ҳадди ақал як маротиба таркиби ғизонокии хок муайян карда шавад ва мувофиқи нишондоди таҳлили лабараторӣ ғизо дода шавад. Меъёри додани ғизо дар заминҳои обӣ чунин аст. Пору 30-40

тонн дар 3-4 сол якбор, нуриҳои маъданӣ вобаста аз намуди хок ҳар сол дар боғҳои ҷавон нитроген (N) 70-100 кг, фосфор (P) 50-60 кг, калий (K) 60-70 кг дар боғҳои ҳосилдиҳанда нитрогени 120-150 кг, фосфор 90-100 кг ва калий 90-100 кг аз рӯи моддаи таъсиркунанда дар як гектар дода мешавад.

Дар заминҳои камғизои шағалдор меъёри нитроген 180-220 кг, фосфор 90-100 кг, калий 90-100 кг муқарар карда шудааст.

Нуриҳои фосфорию калийгиро дар мавсим як бор дар давраи оромии растанӣ аз охири тирамоҳ то аввали баҳор ва нуриҳои нитрогениро ду маротиба: 50% дар баҳор ва 50% дар аввали тобистон додан ба мақсад мувофиқ аст. Дар заминҳои лалмӣ меъёри ғизодиҳии боғҳо чуни аст: нитроген 60-120 кг, фосфор 60-120 кг ва калий 60-90 кг.

Меъёри муайяншударо як бор вобаста аз ҷойгиршавии минтақа дар моҳи март – апрел ба замин дар чуқурии на кам аз 35 см додан зарур аст.

***Ҳифзи богҳо низ масъалаи рушди ин соҳа ба ҳисоб меравад.***

Зеро, ки то имрӯз зиёда аз 20 намуди касалиҳои замбуруғӣ, вирусӣ, бактериявӣ ва 60 намуди ҳашаротҳои зараррасони хояндаю маканда ба қайд гирифта шудааст, ки ба дарахтони мевадиҳанда ҳисороти ҷидди мерасонанд.

Баъзе солҳо на танҳо ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулотро паст мегардонад, балки дар қисман хоҷагиҳо ҳосили боғотро пурра ба нести мебаранд. Бинобар ин зарур мешуморем, ки барои паст кардани сатҳи афзоиши касалию ҳашаротҳо ва ҳисороти онҳо ҳамаи усулҳои мубориза дар маҷмӯъ истифода бурда шавад. Пеш аз ҳама ба чорабиниҳои пешгиркунанда – агротехникӣ: сари вақт шаклдиҳию шохабурии дарахтон, шудгори байни қаторҳо, нарм кардани бехи дарахтон, обмонӣ, яхобмонӣ, ғизодиҳӣ ва ғайраҳо; селексионӣ – интихоби навъҳои ба шароити маҳал мутобиқ; карантини – шинонидани ниҳолҳои

солими аз касалию ҳашаротҳои карантини озодро дар бар мегиранд.

Бастани миёнабандҳои қапанда аз матоҳои дурушт (қоғаз, тол, линчаҳои канаби ва ғайра) дар танаи дарахтон ва шохаҳои ғафс барои ҷамъ карда гирифтани ҳашаротҳо, буридани навдаю ғунучини баргҳои касал, канда гирифтани пӯстлохи кӯҳнаи танаи дарахтон, гирд овардани меваҳои пӯсидаю касал ва сӯзондани онҳо усули механикӣ мебошанд.

Ҷалб намудани паррандагон ва ҳашаротҳои фойдаовар, истифодаи маҳлулҳои аз баргу пояи растаниҳо тайёр карда шуда ва доруҳои кимиёвии асоси биологӣ дошта усули биологианд.

Усули кимиёвӣ истифодаи фунгсидҳо: маҳлули бордосӣ, оксихлоридимис, ИСО, Сулфур, Абига биг, Байлетон, Ридомил голдц, Суперстар, Топаз, Топсин, Фиминт, Панч ва ғайра бар зидди касалиҳо ва инсектидсидҳо: Ариво, БИ-58 – новый, Детсис, Каратэ, Мосплан, Нурелл –Д, Суми-алфа, Тольстар, Фюре, Омайт ва дигарҳо муқобили ҳашаротҳои зараррасон дар давраи ниҳои, ҳангоми зиёд будани меъёри афзоиши касали ва ҳашаротҳо истифода бурда шавад.

Тавсия карда мешавад, ки пас аз хазонрез то кафидани муғчаҳо коркард бо яке аз ин доруҳо: ДНОК, Препарат – 30, моеъи Бордосии- 3 % коркард кардани боғ самаранок аст.

Сари вақт босифат гузаронидани ин чорабиниҳои тавсия шуда, мусоидат мекунад, ки ҳосилнокии боғҳо баланд гардад ва маҳсулоти ба талаботи бозори имрӯза ҷавобгӯ истеҳсол ва сабати истеъмолии мардумро мувофиқи меъёри физиологӣ муайян карда шуда бо меваи хушлаззату гуворо таъмин карда шавад. Дар баробари ин боғпарварон метавонанд ба буҷаи оилавии худ даромади хуб ворид созанд.

# БАРОИ ҚАЙДҲО

*Дар Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ ба табъ расидааст.*
*734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21* [а]